«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Насриддинзода Э.С.
________________
«__» ____________ 2025

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи **«Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Муҳаммад Ҷалолиддини Балхӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна соли 2015 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси "забон ва адабиёти тоҷик" хатм кардааст. Соли 2016 ба ҳайси унвонҷӯ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро соли 2021 хатм намудааст. Аз соли 2015 то 2017 ба ҳайси ассистент дар кафедраи забони тоҷики Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2017 то 2021 ба ҳайси омӯзгор дар кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, аз соли 2024 то ҳол дар муассисаи таҳсилоти умумии №128-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба ҳайси омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷик фаъолият намуда истодааст.

Роҳбари илмии Ҷиҳонова Гулҷаҳон доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Саломиён Муҳаммаддовуд** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 12-уми апрели соли 2016, бо қарори №12 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна 19-уми феврали соли 2025, №14 дар мавриди супоридани имтиҳонҳои номзадӣ маълумотнома додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Масъалаи калимасозӣ, муайян кардани сохту таркиби морфологии калимаҳо, дар заминаи чӣ гуна воҳидҳои забон ва бо кадом роҳ ё роҳҳои калимасозӣ сохта шудани онҳо дар ҳама давру замон аз ҷумлаи масъалаҳои меҳварии забон, хоссатан бахши морфологияи он, мебошад. Таҳқиқоти дар ин самт анҷомдодаи муҳаққиқони соҳа ба ҳалли бисёр масъалаҳои мубрами калимасозӣ дар забони тоҷикӣ мусоидат намудаанд, вале ҳанӯз мушкилот дар ин самт ҷой дорад, ки бартараф намудани онҳо талаботи замон мебошад. Яке аз чунин масъалаҳои мубрам дар илми забоншиносии тоҷик таҳқиқи роҳҳои

калимасозӣ, тарзу восита ва заминаи ташаккули гурӯҳҳои сохтории калимаҳо дар давраҳои муайяни таърихи гузаштаи забон, дар маҷмуъ ё дар доираи осори ин ё он шоири ҷудогона, ба шумор меравад. Масъалаи таҳқиқи сохту таркиби морфологии калимаҳо, тарзу восита ва заминаи ташаккули онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ ҳам яке аз чунин масъалаҳои мубрам дар илми забоншиносии тоҷик ба шумор рафта, таҳқиқи ҳаматарафаи он метавонад ба ҳалли чандин масъалаи забон дар самти калимасозию морфология ва дар самти муайян намудани сарчашмаҳои ташаккули таркиби луғавии забони тоҷикӣ мусоидат намояд.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ** нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мақсади таҳқиқ.** Ҳадафи асосии таҳқиқи анҷомдодашудаи илмӣ муқаррар намудани сохту таркиби морфологии калимаҳо, тарзу воситаҳои ташаккул ва дар заминаи кадом роҳҳо ва қолабҳои сохтории калимасозӣ сохта шудани онҳо, таносубан бо ин муқаррар намудани ба кадом ҳиссаи нутқ мансуб будани гурӯҳҳои сохтории калимаҳо, муайян намудани роҳҳо ва қолабҳои сермаҳсули сохта шудани онҳо дар ғазалиёти Муҳаммад Ҷалолиддини Балхӣ мебошад. Алоқамандона бо масъалаҳои зикршуда калимаҳои хосси аз ҷониби шоир дар доираи қоидаҳои маъмули калимасозии забон сохташуда муайян карда шуда, гурӯҳҳои сохторӣ ва таркиби морфологию ҳиссаинутқии онҳо нишон дода мешаванд.

Барои ҳаллуфасли мавзуъ дар диссертатсия дар доираи ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ иҷрои вазифаҳои зерин дар назар дошта шудааст:

– бо истинод ба афкори назариявии забоншиносон таҳлилу баррасӣ намудани калимасозӣ ва роҳу усулҳои он ҳамчун падидаи забон;

– омӯзиш ва баррасии калимаҳо, гурӯҳҳои сохторӣ ва сохту таркиби морфологии онҳо;

– муқаррар намудани мавқеи калимасозии морфологӣ дар ташаккули гурӯҳҳои сохтории калимаҳо;

– таҳқиқ намудани мавқеи пасванду пешвандҳои исмсоз дар созмони исмҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ;

– муқаррар намудани мавқеи вандҳои калимасоз дар ташаккули гурӯҳҳои сохтории сифатҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ;

– муайян намудани нақши пасванду пешвандҳои зарфсоз дар шаклгирии зарфҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ;

– муайян намудани мавқеи шоир дар сохтани калимаҳои нав ба воситаи пасванду пешвандҳои исмсоз, сифатсоз ва зарфсоз;

– бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ баррасӣ намудани калимаҳои мураккаб ва навъҳои он дар забони тоҷикӣ;

– таҳқиқ намудани исмҳои мураккаби пайвасту тобеъ, қолабҳои сохторӣ ва таркиби морфологии онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ;

– омӯзиши сифатҳои мураккаби пайвасту тобеъ, сохту таркиби морфологӣ ва қолабҳои мавҷудаи онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ;

– баррасӣ намудани зарфҳои мураккаби пайвасту тобеъ, сохту таркиби морфологӣ ва таркиби ҳиссаинутқии онҳо дар ғазалиёти Ҷалолуддини Балхӣ;

– дар алоҳидагӣ ба таври муфассал баррасӣ намудани исмҳо, сифатҳо ва зарфҳои мураккаби омехта, тарзу восита ва заминаи ташаккули онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ ;

– алоқамандона бо масъалаҳои дигар муайян намудани вожаҳои мураккаби аз ҷониби шоир сохташуда дар ғазалиёти ӯ;

– таҳқиқ ва муайян намудани сохту таркиби морфологии калимаҳои мураккаб ва бо кадом роҳи калимасозӣ сохта шудани онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ.

Сарчашмаи таҳқиқ девони ғазалиёти яке аз бузургтарин шоирони асри XIII–XIV-и форсу тоҷик – Ҷалолиддини Балхӣ, буда, намунаҳо аз ғазалиёт интихобан оварда шудаанд.

Зимни таълифи диссертатсия ҳамчун асосҳои назариявӣ таҳқиқоти илмӣ ва афкори назариявии як гурӯҳ муҳаққиқону забоншиносони хориҷӣ, аз қабили В. В. Виноградов, А. З. Розенфелд, Л. С. Пейсиков ва забоншиносони тоҷик – Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ, Д. Саймиддинов, М. Шукуров, М. Муҳаммадиев, Ш. Рустамов, М.Н. Қосимова, Ҳ. Маҷидов, С. Ҳалимов, С. Раҳматуллозода, Д. Хоҷаев, С. Сабзаев, Ш. Бобомуродов, С. Анварӣ, А. Ҳасанзода, О. Қосимов, З. Мухторов, М. Саломиён, Ж. Гулназарзода, Б. Аловиддинов ва дигарон истифода шудаанд.

Бо мақсади ҳалли масъалаҳои дар доираи мавзуъ муқаррargардида дар рафти таҳқиқ аз методҳои таҳқиқотии синхронию диахронӣ, муқоисавӣ, таҳлили сохторӣ, таҳлили таҷзияи ҳиссаинутқии таркиби морфологӣ истифода шудаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал сохту таркиби морфологии калимаҳо, тарзу восита ва заминаи ташакули онҳо дар ғазалиёти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ба таври мушаххас таҳқиқ шуда, алоқамандона бо ин қолабҳои сохтории калимаҳо, нақши вандҳои калимасоз дар ташаккули онҳо, қолабҳои сохтории калимаҳои мураккаб, мансубияти ҳиссаинутқии ҷузъҳои таркибии онҳо ва калимаҳои дар доираи қолабҳои маъмули калимасозӣ сохтаи шоир муқаррар карда шудаанд.

Натиҷаҳои диссертатсияи номзадии Ҷиҳонова Гулчаҳон Абдураҳмоновна метавонад назарияи илми сарфу калимасозии забони тоҷикиро ҳам аз ҷиҳати таърихӣ ва ҳам дар забони муосир такмил диҳад. Бо дарназардошти он ки масъалаи асосии таҳқиқи анҷомдодашударо омӯзиш ва баррасии гурӯҳҳои сохтории калимаҳо, сохту таркиби морфологӣ, қолабҳо, замина ва тарзу воситаҳои ташаккули онҳо ташкил менамояд, хулосаҳои аз ин таҳқиқ бадастомада метавонанд назарияи илми забоншиносиро тақвият бахшанд ва зимни таҳияи рисолаҳои илмии магистриву номзадӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ, хондани курсу семинарҳои махсус аз морфология, калимасозӣ, грамматика дар факултетҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода бурда шаванд.

Мухтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Ҷиҳонова Гулчаҳон дар 10 мақолаи муаллиф, ки аз миёни онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷмуаи маърузаю гузоришҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошад.

Мақолаҳои банашррасида ба мавзуи таҳқиқ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд. Рӯйхати мақолаҳои нашрнамудаи муҳаққиқ чунин аст:

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М] Ҷиҳонова Г. Сохтор ва семантикаи калимаҳои мураккаби исмӣ дар ғазалиёти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ [Матн] / Г.Ҷиҳонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/6. – С. 71-74.

[2-М] Ҷиҳонова Г. Калимасозии сохторию маъноии сифат ва исм дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ [Матн] / Г.Ҷиҳонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе, 2019. –№ 2/1(177). – С. 178-181.

[3-М] Ҷиҳонова Г. Сохтор **ва** калимасозии қолаби исму феъл дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ [Матн] / Г.Ҷиҳонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе, 2018, № 2. – С. 114-117.

[4-М] Ҷиҳонова Г. Пасвандҳои исмсоз дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ [Матн] / Г.Ҷиҳонова // Паёми Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. –Бохтар, 2018. –№ 1/1.(51) – С. 58-63.

[5-М] Ҷиҳонова Г. Мавқеи пешванди исмсози "ҳам-" дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ [Матн] / Ҷиҳонова Г.// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2019, № 1/1.(59) – С. 56-56.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М] Ҷиҳонова Г. Калимасозии қолаби исму феъл дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ [Матн] / Г.Ҷиҳонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Забони адабии тоҷикӣ дар марҳалаи ташаккул (асрҳои IX-XI" (11.04.2018). –Душанбе, 2018. – С. 168-173.

[7-М] Ҷиҳонова Г. Вижагиҳои услубии пасванди -тар дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ [Матн] / Г.Ҷиҳонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Масъалаҳои сарфи забони тоҷикӣ ва усули таълими онҳо" (15.02.2019). –Душанбе, 2019. – С. 144-148.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** аз он иборат аст, ки дар заминаи омӯзишу таҳлили асарҳои назариявии донишмандони ватанию хориҷӣ асосҳои

назариявию амалии мавзуи таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, маводи осори таҳқиқшавандаро дар заминаи усулҳои муосири забоншиносӣ баррасӣ намудааст.

Кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи унвонҷӯ Ҷиҳонова Гулчаҳон Абдураҳмоновнаро дар мавзуи **«Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Муҳаммад Ҷалолиддини Балхӣ»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳим меҳисобад, ки дар сатҳи хуби илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯст. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок дошт: 14 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Қарори №9 аз 21.02.2025.

Мудири кафедраи таърихи
забон ва типология, номзади
илми филология, дотсент Камолзода Х.М.

Котиби илмӣ, ассистент Муминова К.М.

Имзоҳои Х.М. Камолзода ва
К.М. Муминоваро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj